# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 31 октябри соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ (мушовири илмӣ - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи АМИТ **Муҳаммадалӣ Музаффарӣ**), тақризи мусбати муассисаи пешбар - **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ. доктори илмҳои фалсафа Атоев А.М. ва доктори илмҳои фалсафа Карамхудоев Ш.Х инчунин, баромади мутахассисон доир ба мавзуи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа Диноршоева З.М, доктори илмҳои фалсафа Худойдодзода Ф.Б, доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З ва доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шуро оид ба диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳаммиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 №267 (бо тағйиру иловаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад;
2. Маводи чопшудаи муаллиф пурра мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Абдухалилзода Кароматулло бо дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14– Фалсафаи дин ва диншиносӣ сарфароз гардонида шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Абдухалилзода Кароматулло бо дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Зид – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул мешавад.

Иҷозат диҳед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои Шурoро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа** **Ҳаитов Ф.Қ.**

31 октябри соли 2024